**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2015**

**УДК: 8 тадж. – 891**

**ХУРОСОНӢ А.М**[1]**.**

# ДАР БОРАИ МАСНАВИИ «ҲАФТ ВОДӢ»-И МАНСУБ БА МИРСАЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола доир ба маснавии «Ҳафт водӣ», ки дар ҳамадонишиноси тоҷик ба Мирсайид Алии Ҳамадонӣ нисбат дода шудааст ва мусаннифи он сухан меравад. Муаллиф дар заминаи ҷустуҷӯҳо, муқобалаю муқоясаи «Ҳафт водӣ»-и мансуб ба Мирсайид Алии Ҳамадонӣ бо маснавиҳои Фариддудин Аттори Нишопурӣ, минҷумла «Мантиқу-т-тайр» ва «Мусибатнома»-и вай, ишораҳои аҳли таҳқиқ ба хулосаҳои бевоситаи илмӣ меояд, ки он танҳо мунтахабе аз «Мантиқу-т-тайр» ва «Мусибатнома»-и Шайх Аттор, барои тарғиби ҳадафҳои мазҳабии ӯ, беш нест. Мақола ҳақиқати масъаларо равшан баён карда, ҳамадонишиносонро ҳушдор медиҳад, ки дар оянда дар кори таҳқиқ ҷиддитар бошанд.

**Калидвожаҳо:** Маснавӣ, «Ҳафт водӣ», Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, Шайх Аттор, «Мантиқу-т-тайр», «Мусибатнома», ҳадафҳои мазҳабӣ, ҳамадонишиносӣ.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (1314м.-1384м.) аз шахсиятҳои мазҳабии Машриқзамин ба шумор рафта, бо фаъолияти диниву мазҳабӣ ва адабиву фарҳангии худ чӣ дар Эрону Тоҷикистон ва чӣ дар Покистону Ҳиндустон, бахусус дар Кашмири Покистону Хатлони Тоҷикистон шуҳрат ва маҳбубияти алоҳидае дорад. Ин марди фидокори дину ойин зодаву парвардаи Ҳамадони Эрон буда, шуҳрату обрӯй ва нуфузи рӯзафзуни худро дар байни мардум боривоҷу густариш ва пиёда гардонидани дини мубини ислому забону фарҳанги форситаборон дар хиттаи Кашмир сазовор гардидааст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ берун аз зодгоҳ муддате дар атрофу акнофи Хатлонзамин низ барои рушди маънавии мардуми ин вилоят заҳамоте кашидаву хидмате чанд ба харҷ дода буд ва аз ҳамон замон ба баъд, то охири умр, ҳар куҷо, ки набуд, ба ишон дилбастагии махсусе дошт. Маҳбубияти ӯ ба мардуми Хуталон то ба андозае зиёд будааст, ки дар нафасҳои вопасини умр аз муридони худ васияти баъди фавт дар ин диёр ба хок супоридани ҷасадашро карда буду он амалӣ гардонида шудааст. Имрӯз оромгоҳи мавсуф дар шаҳри Кӯлоби Тоҷикистон ороставу пероста ва он ба зиёратгоҳи муҳташами пайравону мӯътақидону ихлосмандони ин шахсияти шинохтаи мазҳабӣ табдил ёфтааст.

Мудири маркази тадқиқотии Эрону Покистон Ризо Шаъбонӣ ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти ҳамаҷонибаи мазҳабиву фарҳангии Мирсайид Алии Ҳамадониро ҷамъбаст намуда, ба ин маънӣ навишта буд: «Сайид аз як сӯ садҳо ҳазор аз ҳиндувонро хилъати исломӣ пӯшонд ва ҳазорон мусалмони зоҳириро ба ҳақиқати ислом наздик сохт ва аз сӯйи дигар абъоди гуногуни шахсияти хешро ошкор гардонид».

Аҳли илму фарҳанг заҳамоти ҳамаҷонибаи Мирсайид Алии Ҳамадониро арҷ гузошта, бузургдошти 680-солагии зодрӯзи ӯро соли 1994 дар Ҷумҳурии Исломии Покистон ва соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба таври васеъ ва бо шаҳомату тантанаи хос таҷлил намуданд. Ба истиқболи ин санаи муборак

[1] **Адрес для корреспонденции:** Алии Мухаммадии Хуросони – к. филол. наук, вед. науч. сот. Института языка, литературы, востоковедения и пысьменного наследия АН Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, район Рудаки, к. Сомони, дом.182/1.

дар Покистону Эрон ва Тоҷикистон маҳфилҳои ботантана, конфронсу симпозиумҳои илмӣ баргузор гардида, тавассути воситаҳои ахбори умум, рӯзномаву маҷаллаҳо ва иинтишороти кишварҳои номбурда як силсила гузоришу маҷмӯаи мақолот ва кутуби ҳам Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ва ҳам муҳаққиқину мусташриқини соҳа, ки ба омӯзишу пажӯҳиши доманадори рӯзгору фаъолияти таблиғотӣ ва адабии ӯ бахшида шудаанд, табъу нашр гардидаанд.

Пажӯҳиш дар атрофии рӯзгору осори ин марди фозил идома дорад, ки яке аз онҳо андешаҳои мусаннифи ин сатрҳо сари маснавии баҳсталаби «Ҳафт водӣ» ё «Ихтиёроти Амирия»-и мансуб ба Мирсаид Алии Ҳамадонӣ мебошад. Ҳадафи мо дар ин макола таҳлилу баррасии муҳтавои «Ҳафт водӣ» набуда, балки мехоҳем ба хонандаи ҳол муаллифи асосии ин асарро маълум намоем ва ба исбот расонем, ки «Ҳафт водӣ» маҳсули бевоситаи афкору эҷоди Мирсайид Алии Ҳамадонӣ набудааст.

Ин масъала гӯё дар назди аҳли илму адаб аз масойили ҳалли худро ёфта ба шумор мерафт. Яъне, як зумра мусташриқину адабиётшиносон ва аҳли фарҳанг бо далоили илмӣ ба хулосае омада буданд, ки «Ҳафт водӣ» ё «Ихтиёроти Амирия»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ маҳсули қалами бевоситаи ин мутафаккир набуда, балки он порчаҳое аз ҷо-ҷойи «Мантиқу-т-тайр»-и Шайх Фаридуддини Аттори Нишопурӣ (1145м.-1221м.) аст, ки номбурда ҳамчун мубаллиғ барои нишонрастар шудани ҳадафҳои диниву мазҳабӣ ва тариқати худ марвиди истифода қарор додааст. Ба ин маънӣ, мулоҳизаҳои илмии олимон Ҳанри Эте, А.Шпрингер, Саъид Нафисӣ, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев ҷолиб буда, барои ҳалли ҳамаҷонибаи масъала дастёри беминнат маҳсуб меёбад. Вале ақидаи он ки «Ҳафт водӣ» мунтахаби порчаҳое аз «Мнатиқу-т-тайр» аст, ақидаи ба пуррагӣ солим набуда, дар матни интихобии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчунон абёте чанд аз «Мусибатнома» (Ин ду маснавӣ дар баҳри рамали мақсур эҷод шудаанд- А.М.Х.)-и Шайх Атторро дучор омадем.

Аз ҷумла, адабиётшиноси эронӣ устод Саъид Нафисӣ менависад: «Ва байти аввали ин мунтахаб ҳамон байти аввали «Мантиқу-т-тайр» аст ва баъд дигарон аз ин интихоби Мирсайид Алӣ нусха бардошта ва онро «Ҳафт водӣ» номидаанд, зеро интихоби бештари он аз «Мантиқу-т-тайр» аст, ки дар боби ҳафт водӣ ё ҳафт мартабаи сулук гуфтааст». Дар ин иқтибос «…интихоби бештари он аз «Мантиқу-т-тайр» аст» гуфтани устод Саъид Нафисӣ баҳсталаб буда, аз ин боб поёнтар сухан хоҳем ронд.

Абдулҳусайни Навоӣ дар рисолаи «Риҷоли китоби «Ҳабибу-с-сияр» [1, 63] аз таснифоти Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ёдовар шуда, чунин менигорад: «Мусаннифоти Амир Сайидалӣ монанди китоби «Асрору-л-нуқта», «Шарҳи асмауллоҳ» ва «Шарҳи афсуси-л-ҳикам» ва «Шарҳи қасидаи хамрияи фаразия» ва «Захируту-л-мулук» дар миёни урафо иштиҳор дорад».

Баъдтар донишманди дигари Эрон Маҳдии Дурахшон дар китоби худ «Бузургон ва сухансароёни Ҳамадон» [6, 83-90] дар баробари ишора ба рӯзгору осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ «Ихтиёроти Амирия»-ро бидуни далоил ба номгӯйи умумии таснифоти ин мутафаккир дохил намудааст, ки иштибоҳе беш нест.

Мухтасари «Мантиқу-т-тайр» шуморида шудани «Ҳафт водӣ» ё «Ихтиёроти Амирия» ба он хотир аст, ки маснавии Фаридуддини Аттор дар нусахи қаламии гуногун аз 4450 то 4600 байт буда, интихоби Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар дастнависҳо аз 623 то 642 байтро ташкил медиҳад.

Хӯш, агар ин масъала дар назди аҳли илму фарҳанг ҳалли дурусти худро ёфта бошад, пас дубора зарурати ба ин мавзӯъ рӯйи ниёз овардани мо дар чист?! Беҳтар намебуд, ки ин ҷо аз боби сохту мундариҷаи «Ҳафт водӣ» ё «Ихтиёроти Амирия» ва маҳорату ҷасорати шоириву суханварии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ қандил меафрӯхтему маҷлис меоростем!

Тавре, ки маълум аст, бахшида ба 680-солагии зодрӯзи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ китоби аввал ва дувуми чаҳорҷилдаи «Осори мунтахаб»-и ин мутафаккир, файласуф ва мубаллиғи шоистаи дину ойини ислом бо кӯшишу заҳамоти ҳамадоншиноси тоҷик Моҳирхӯҷа Султонзода таҳия гардида, солҳои 1994 ва 1995 дар нашриёти «Ирфон» (ш.Душанбе) аз чоп баромад, ки дар онҳо осори манзуму рисолаҳои мансур ва андешаҳои ҳакимонаи ӯ ҷой дода шудаанд.

Дар ин миён маснавии «Ҳафт водӣ» ё «Ихтиёроти Амирия» дар китоби аввали ин чаҳорҷилда ҷой дошта, иборат аз 427 байт мебошад. М.Султонзода дар муқаддимаи муфассали ба ҷилди аввали «Осори мунтахаб»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ нигоштаи худ аз боби маснавии «Ҳафт водӣ» андеша ронда, менависад: «Аз Мирсайид Алии Ҳамадонӣ достоне бо номи «Ҳафт водӣ» ё «Ихтиёроти Амирия» боқӣ мондааст, ки он асари мустақили мутафаккир набуда, балки як навъ хулоса ва мухтасари «Мантиқу-т-тайр»-и Фаридуддини Аттори Нишопурӣ аст» [7, 32].

Аз ин иқтибос чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқи Алии Ҳамадонӣ гӯё аз моли Аттори Нишопурӣ будани «Ҳафт водӣ» ё «Ихтиёроти Амирия» огоҳии комиле дорад. Вале М.Султонзода маълумотномаи ба «Ҳафт водӣ» баёндоштаашро идома дода, ба хулосаи зерин меояд, ки «…он (яъне «Ҳафт водӣ» - А.М.Х.) бо вуҷуди талхису фушурдаи «Мантиқу-т-тайр» буданаш нусхаи айнии ин асар нест. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки вай як тарзи таъбир, маънидод ва биниши «Мантиқу-т-тайр» аст. Пас дар ин сурат онро метавон моли Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шумурд» [10, 34].

Иқтибоси сонӣ шаҳодат бар он медиҳад, ки М.Султонзода «Ҳафт водӣ»-ро бидуни шак дар қатори осори дигари бадеии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҷой дода, онро мунтахабан аз 623 байт 427 байтро сара карда, ба «Осори мунтахаб»-и адиб дохил кардааст.

Пештар аз М.Султонзода муҳаққиқи дигари тоҷик А.Ғаффоров навишта буд, ки «Аз ӯ (яъне Мирсайид Алии Ҳамадонӣ –А.М.Х.) инчунин достони «Ҳафт водӣ», «Девони ғазалиёт» (ин девон дар куҷо ва дар кадом ҳаҷм бошад?! –А.М.Х.) ва рубоиву дубайтиҳо боқӣ мондааст, ки дар онҳо ӯ ишқ ва муҳаббати поки инсониро васф намуда, зебоиҳои ҳаётро суруд».

Ин андешаҳои ночаспон ба осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳеҷ иртиботу умумияте надоранд. Ва аз ин ишораи А.Ғаффоров метавон дарёфт, ки муҳаққиқ на маснавии «Ҳафт водӣ»-ро мутолиа намудаасту на «Девони ғазалиёт»-и Мирсайид Алии Ҳамадониро (агар бошад) бо чашми басират дида.

Ҳамадоншиноси покистонӣ дуктур Муҳаммад Риёз дар асари бузургҳаҷми тадқиқотии худ «Аҳволу осор ва ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ» [9, 115], ки аз 248 саҳифа иборат мебошад, аслан мойил бар он аст, ки «Ҳафт водӣ»-ро маҳсули тахайюли Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шуморад ва онро бо номи «Ихтиёроти «Мантиқу-т-тайр» («Ҳафт водӣ»)» дар қатори осори номбурда ҷой диҳад. Вале ӯ дар мавриди дигар дойир ба осори манзуми Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ин хулосаро пеш гузоштааст:

«Маҷмӯаи шеъри ӯ, ки мухтавии чиҳилу як ғазал ва нуҳ рубоӣ ва қитъае мебошад, ҳам метавонад, ки осоре арзанда дар адабиёти ирфонӣ ва сӯфиёна талаққӣ гардад» [9, 115], яъне дар ин мавррид «Ҳафт водӣ»-ро Муҳаммад Риёз ба номгӯйи осори манзуми Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шомил насохтааст.

Муҳаққиқи ҳамадоншиноси эронӣ дуктур Парвези Азкоӣ дар рисолаи худ «Аҳвол ва осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ» [11, 115], «Ихтиёрот» ё «Ҳафт водӣ»-ро дар қатори осори махтуми вай ҷой дода, ишора бар он менамояд, ки аз арабӣ ё форсӣ будани он огоҳӣ надорад. Шояд ҳамин ишораву асноди дастрас сабаб бар он шуда бошанд, ки ҳамадоншиносони тоҷик Ҳ.Асозода, Р.Асозода, А.Маҳмадов, К.Қодиров бе ҳеҷ асоси муътамад ва муқобалаву муқоисаи сарчашмаву маъхазҳо, бахусус матни «Мантиқу-т-тайр», «Ҳафт водӣ»-ро асари Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шуморанду мулоҳизаҳои илмӣ -тадқиқотиашонро дар атрофии сохту

муҳтавои ин маснавӣ бо диди худ ифода намоянд. Аз ҷумла, Абдурраҳмон Маҳмадов дар мақолаи «Сухане аз замон ва осори мутафаккир» [12, 2] роҷеъ ба маснавии «Ҳафт водӣ» чунин андешаронӣ дорад, ки иқтибоси муфассалтари онро дар ҳалли масъалаи мазкур манфиатнок мешуморем. Ӯ менависад: «Дар таҳлили осори ин аллома сабки мутасаввифони олами ирфонӣ Ғаззолӣ, Аттор ва Ибни Арабӣ баръало дарк карда мешавад. Лекин Мирсайид Алии Ҳамадонӣ усули хосаи худро дар шеъру шоирӣ, таълимоти фалсафӣ соҳиб мебошад. Масалан, дар муқоисаи «Матиқу-т-тайр»-и Шайх Аттор бо маснавии «Ҳафт водӣ»-и Ҳамадонӣ. Ҳар ду дар шакли шеърию таълимоти тариқати сӯфия навишта шудаанд. Мувофиқи маълумоти Аттор тариқат дар худ ҳафт марҳала ё худ ҳафт водиро дар бар мегирад: 1) талаб; 2) ишқ; 3) маърифат; 4) истиғно; 5) тавҳид; 6) ҳайрат; 7) фақру фано. Ҳамаи ин сифатҳои номбурда дар маснавии «Ҳафт водӣ» ҳам такрор мешаванд, гарчанде, ки мансубияти ин ду аллома ба ҷараёнҳои гуногуни суфизм хос аст». Ин ҷо муқоясаи «Мантиқу-т-тайр»... бо маснавии «Ҳафт водӣ»...» гуфтан дар ин ҷо чӣ маънӣ дошта бошад, барои мо равшан нашуд. Муаллифи мақола барои он ки дойир ба ин «ду» маснавӣ андешаҳои илмии худро баён намояд, оё матни онҳоро дар ҳақиқат бо ҳам дар муқояса дида баромада бошад?! Шояд, вале А.Маҳмадов агар ин ду матнро, ки яке беш аз 623 байту дувумӣ беш аз 4600 байт аст, дар ҳақиқат бо ҳам муқояса карда бошад, пас он муқояса назарфиребона будааст. Вагарна, нигоштаи ӯ бо амалаш мувофиқат менамуду масъала ранги дигар мегирифт.

Ҳамадоншиноси дигар Карим Қодиров бошад, дар мақолаи худ «Шеъри сӯфияи Мири Кабир» ва рисолаи хурдаке бо номи «Бунёдгари маорифи сӯфиёнаи Хатлонзамин» [3] «Ҳафт водӣ»-ро ба «Сайру-л-ибод»-и Саноии Ғазнавӣ монанд медонад ва дар идомаи фикри худ менависад: «Ҳафт водӣ»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки дар такомули шеъри сӯфия шоҳкорист, марбут ба «Комедияи илоҳӣ»-и Данте аст. Ҷолиб он аст, ки Мирсайид Алии Ҳамадонӣ низ дар ин манзума мисли Данте дар оғози ин сайру сафар хештанро дар водии ҳайрату фазои зулмат мебинад...» [2, 11].

К.Қодиров ончунон шефтаи маснавии «Ҳафт водӣ»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мегардад, ки суханварони шинохтаи мутасаввифи то ӯ зиндагиву эҷодкарда, мисли Саноии Ғазнавиву Аттори Нишопуриро то андозае зери сояи Ҳамадонӣ қарор медиҳад: «Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мисли «Комедияи илоҳӣ»-и Данте, «Сайру-л-ибод»-и Саноӣ, «Мантиқу-т-тайр»-и Аттор дар забони рамз сафари рӯҳонии Инсонро аз олами касрат ба олами ваҳдат тасвир мекунад, вале рамз дар каломи ӯ равшантару мафҳумтар аст, бештар ба мардуми соддаву орӣ, ба фузалои аҳли мадраса ва ҳам хонақоҳ иртибот дорад. Яъне, шеъри таълимии сӯфия назди Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба камоли воқеӣ бирасид, дар каломи ӯ сӯзу шӯри тозае ба даст овард» [4, 11-12].

Ин муҳаққиқ доир ба сарчашмаҳои эҷодии «Ҳафт водӣ» бо боварӣ чунин ҳадс мезанад, ки «Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки ашъори таълимии сӯфияи Аттору Мавлавӣ ва Саноиро пушти сар дошт, дар «Ҳафт водӣ» онро такмил дод», «...маншаи илҳоми Мирсайид Алии Ҳамадониро дар «Маснавӣ»-и Мавлоно метавон ёфт» ва «...сарояндаи «Ҳафт водӣ» дар тайи матолибу андешаҳои худ аз Қуръон, ҳадис ва китобҳои адаб иқтибос оварда, ки ҳосили тамоми маорифу таҷорибӣ сӯфияи исломӣ аст»[4, 10-13] ва ғайра.

Ҳамин китоби «Бунёдгари маорифи сӯфиёнаи Хатлонзамин» -и К.Қодиров бидуни ягон таҷдиди назар бо номи «Маорифи сӯфияи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ» дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» (3-апрели соли 2003, №36) дубора интишор ёфт.

Аз иқтибосҳои оварда дар назари аввал чунин менамояд, ки К.Қодиров бо рӯзгори сипаришуда ва осори бамеросмондаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ огоҳии комил дораду дар зарурат барои баҳои илмӣ додан ба маснавии «Ҳафт водӣ»-и мансуб ба ӯ бо осори дигари ирфонии адабиёти ҷаҳонӣ ва миллӣ, монанди

«Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте, «Сайру-л-ибод»-и Саноӣ, «Мантиқу-т-тайр»-и Аттор, «Маснавӣ»-и Мавлонои Балх ва амсоли инҳо ошноии тамом дорад. Дар асл ин тавр нест. Вагарна, танҳо фарогирии ҳамаҷонибаи маснавии «Маниқу-т-тайр»-и Шайх Аттор метавонист ба ҳамадоншиносони мо равиши дурусти муносибат ба осори боқимондаи Мирсайид Алии Ҳамадониро муайян намояд.

Ғайр аз ин, ҳам дар рисола ва ҳам дар мақолаҳои К.Қодиров дар овардани иқтибосҳои манзум ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки нишон додани яке аз онҳоро кифоя медонем, то барои ислоҳи дигар иқтибосҳо намуна бошад. Ба ин ду байт аз як ғазали адиби сӯфӣ таваҷҷуҳ фармоед, ки муҳаққиқ ҳам дар китоби ёдшуда ва ҳам дар мақолаи дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» нашргардида иқтибос кардааст:

Дар ишқи рӯи ӯ ту ҳудусу қидам мабин,
Гар солики раҳӣ ту, вуҷуди одам мабин.
Аз партави ҷамоли ҳақиқӣ бисӯз пок,
Гум кард дар фанову дигар бешу кам мабин.

Дар байти аввал ба ҷойи вуҷуди одам бояд «вуҷуду адам» ва дар байти дувум ба ҷойи «Гум кард» бояд «Гум гард» хонда шавад, то шеър солим ва маъниву мантиқи сухан бар ҷой бошад. Ҳамин андешаҳои фавқуззикри духӯра дар атрофии «Ҳафт водӣ» ё «Ихтиёроти Амирия» ва муаллифи он моро водор намуданд, то барои муайян сохтани ҳақиқати ҳол ба ёддошту ишораҳои шогирдону ҳамзамонони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ тазкирахо ва сарчашмаҳои адабиву таърихии баъди ӯ навиштаву интишорёфта муроҷиат намоем, ки оё имон гуфтаву нигоштаҳои ҳамадоншиносони муосири моро таъйид менамоянд ё на! Яъне «Ҳафт водӣ» ҳосили андешаву хирад ва ҷаҳонбиниву маърифати бевоситаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ё гулчину китобати ҷузъу порчаҳои алоҳидаи эҷоди шахси дигар аст, барои зарурати таблиғу таълимоти мазҳабии ин мутафаккир.

Дар «Хулосату-л-маноқиб»-и Мавлоно Ҷаъфари Бадахшонӣ шогирди Алии Ҳамадонӣ, «Нафаҳоту-л-унс»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Бобурнома»-и Заҳириддини Бобур, «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир, «Сафинату-л-авлиё»-и Муҳаммади Дорошукӯҳ, «Таърихи Роқим»-и Сайид Роқим, «Маҷолису-л-муъминин»-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Райҳонату-л-адаб»-и Муҳаммад Алии Табрезӣ, «Маҷмаъу-л-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Маҷолису-л-ушшоқ бил тасвирот»-и Амир Султон Ҳусайн ва ғайра аз таснифоти мутааддии Шоҳи Ҳамадон гуфтаниҳои зиёде мавҷуд бошанд ҳам, вале дар ҳеҷ як аз онҳо аз маснавии «Ҳафт водӣ» доштани мавсуф ишораи кӯчаке нарафтааст. Аз ҷумла, дар «Нафаҳоту-л-унс» омада: «Вайро (яъне Алии Ҳамадонӣ) дар улуми ботин таснифоти машҳура аст, чун китоби «Асрору-н-нуқта» ва «Шарҳи исмоилия» ва «Шарҳи фусуса-л-ҳикам» ва «Шарҳи қасидаи хамрияи форизия» ва «Захирату-л-мулук» ва ғайри он».

Донишманди қарни XVI Амин Аҳмади Розӣ аз боби ашъори манзум доштани Мирсайид Алии Ҳамадонӣ чунин ёдовар мешавад: «Ва аз он ҷаноб (яъне Алии Ҳамадонӣ) агарчи шеъри бисёр зикр мекунанд, дар ин вақт ба ғайр аз ин абёт чизе дигар истимоъ наяфтода, рубоъӣ:

Гар бадри мунириву само манзили ту,
Дар Кавсар агар сиришта бошад гили ту.
Гар меҳри Алӣ набошад андар дили ту,
Мискин туву саъйҳои беҳосили ту!

Намедонем дар чӣ асосу маъхаз бошад, ки рубоъии фавқ дар ҷилди аввали «Осори мунтахаб»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (соли 1995) иштибоҳин чунин омадааст:

Гар бадри мунириву само манзили ту,
В-аз Кавсар агар сиришта бошад гили ту.
Гар меҳри Алоӣ набошад андар дили ту,
Мискин Туву саъйхои беҳосили ту.

Дар иқтибоси сонӣ «В-аз Кавсар» ва «Алоӣ» маъниву мантиқи шеърро коставу ба вазни он сактагиҳо ворид сохтаанд. Яъне, тахриби шакл сабаби таҳрифи мазмун гардидааст.

Доир ба масъалаҳои мавриди баҳс боз барои таъйиди фикр метавон аз кутуби номбаршудаи пешиниён иқтибосҳо овард. Вале натиҷа аз бардошти онҳо ҳамин аст, ки то оғози асри XX бо назардошти маъохази дастрас касе аз удабову уламо роҷеъ ба маснавии «Ҳафт водӣ» доштани Мирсайид Алии Ҳамадонӣ калам нафарсудаву қоғаз сиёҳ накардааст ва ҷуз он ки ин матн дар нусхаи қаламии ракамии 546 ганҷинаи дастхатҳои Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон дар варақаҳои 378б-395а ва дастнависи рақами 9012 Институти шарқшиносии АИ Ӯзбакистон ҷой дода шудааст.

Аз ишораҳои хира, норавшан ва баъзан ноогаҳона ва пеш аз ҳама дар ягон сарчашмаи муътамад наомадани он ки «Ҳафт водӣ» эҷоди андешаву қалами Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст, маълум гардид, ки маснавии зикршуда асосан дар заминаи осори Фаридуддини Аттор, бахусус маснавии маъруфи ӯ «Мантиқу-т-тайр» рӯйи қоғаз омадааст. Ҳамин аст, ки «мол»-и мансуб ба Мирсайид Алии Ҳамадониро бо маснавиҳои Аттори Нишопурӣ дар муқоясаву муқобала аз назар гузаронидан мақсаднок дониста шуд, то ҳақиқати ҳол равшан гардад.

М.Султонзода дар фароварди маълумотномаи ба «Ҳафт водӣ» бахшидааш ба хулосаи зерин меояд, ки «…он (яъне, «Ҳафт водӣ») бо вуҷуди тахлису фишурдаи «Мантиқу-т-тайр» буданаш нусхаи айнии ин асар нест. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки вай як тарзи таъбир, маънидод ва биниши «Мантиқу-т-тайр» аст. Пас дар ин сурат онро метавон моли Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шумурд» [8, 34].

Барои ҳалли масъала ба матнҳои «Ҳафт водӣ» ва «Мантиқу-т-тайр», ки баёнгари ҳақиқати воқеъианд, мурочиат намудем. Дар амалӣ гардонидани ин кор аввал хостем матни таҳиякардаи М.Султонзода «Ҳафт водӣ» дастёри мо бошад, то онро бо маснавии «Мантиқу-т-тайр» дар муқояса дида бароем. Вале матни таҳиякардаи ин ҳамадоншинос тавре ишора шуд, ҳамагӣ шомили 427 байт буда, номбурда ба таъбире боз як бори дигар «Мантиқу-т-тайр»-ро мухтасартар намудааст. Илова бар ин, дар матни таҳиянамудаи Султонзода иштибоҳҳо роҳ ёфтаанд, ки он моро аз лиҳози матншиносӣ қаноатманд карда натавонист. Рӯй овардем ба нусхаи қаламии рақами 546, ки аз ҳар ҷиҳат матни ороставу перостаро аз «Ҳафт водӣ» дар худ дорад.

Ин матни комили «Ҳафт водӣ» фарогири 638 байт буда, аз ҳамди муфассали офаридгор, оғози ихтиёроти амирия ва баёни ҳафт водии сулук иборат мебошад.

Тавре болотар иқтибос шуд, Саъид Нафисӣ «байти аввали ин мунтахаб ҳам ҳамон байти авали «Манику-т-тайр» аст»- гуфта буд:

Офарин ҷонофарини покро,
Он ки ҷон бахшиду имон хокро.

Дар як нусхаи қаламии дастраснамудаи доктор Муҳаммад Риёз низ ҳамин байти аввали «Мантиқу-т-тайр» оғози «Ҳафт водӣ» будааст. Аммо дар нусхаи қаламии рақами 546 ва матни таҳиянамудаи М.Султонзода, ки аз нусхаи қаламии рақами 9012 Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо номи «Ихтиёроти Амирия» маҳфуз асту мураттиб аз он кор гирифтааст, байти оғози «Ҳафт водӣ» ин аст:

Ҳамди пок аз ҷони пок он покро,
К-ӯ хилофат дод муште хокро.

Ҳамин байт, ки оғози «Мантиқу-т-тайр» наяст, то андозае мураттиби «Осори мунтахаб»-и Мирсайид Алии Ҳамадониро бовар кунонида, ки «…он (яъне «Ҳафт водӣ») бо вуҷуди талхису фишурдаи «Мантиқу-т-тайр» буданаш, нусхаи айнании ин асар нест».

Барои он ки ин байти «Ҳафт водӣ»-ро, ки М.Султонзода мавриди истифода қарор додаст, нодида нагирем, мо ба осори дигари Фаридуддини Аттор мурочиъат намудем. Маълум шуд, ки ин байт байти аввали маснавии дигари

Аттори Нишопурӣ «Мусибатнома» ва «Панднома»-и ӯ будааст [13]. Баъди байти аввал байтҳои 2, 3, 4, 5, 6, 7 низ аз «Мусибатнома» ба «Ҳафт водӣ» иқтибос шудаанд:

Он хирадбахше, ки Одам хоки ӯст,
Ҷузву кул(л) бурҳони зоти поки ӯст.
Офтоби рӯҳро тобон кунад,
Дар гили Одам чунин пинҳон кунад.
Чун гили Одам ба саҳро оварад,
Ин ҳама аъҷуба пайдо оварад.
Дар даруни нутфае ҷоне ниҳад,
Офтобе дар сипандоне ниҳад.
Шир аз ангушти Халил ӯ оварад,
Исие аз Ҷабраил ӯ оварад.
Тифлро дар маҳд пайғамбар кунад
В-аз ҳама пирон-ш болиғтар кунад.

Аз байти 8 сар карда Мирсайид Алии Ҳамадонӣ матни «Мантиқу-т-тайр»-ро аз ҷо-ҷойи он мунтахаб менамояд ва сабти дафтари хеш месозад. Таваҷҷуҳ шавад ба матни «Мантиқу-т-тайр», аз саҳифаи 45 ба баъд, ки ба эҳтимоми дуктур Аҳмади Ранҷбар [5] таҳияву интишор ёфтааст. Умуман, ҳамди офаридгор дар «Ҳафт водӣ» аз 79 байт иборат буда, ончунон пасопеш аз «Мусибатнома» ва «Мантиқу-т-тайр» интихоб шудааст, ки ҳамин муқоясаи чанд байт ва дар ҳақиқат моли Аттори Нишопурӣ, на «моли Мирсайид Алии Ҳамадонӣ» будани онро муайян намудан фурсати зиёдеро гирифт.

Баъди қисмати муқаддимавӣ кушоиши «Ҳафт водӣ» бо номи «Дар баёни ҳафт водӣ» ва ё дар нусхаи қаламии ганҷинаи дастхатҳои Институти шарқшиносии Ӯзбакистон бо номи «Оғози сифати ихтиёроти амирия» аз шаш байти зайл иборат аст:

Соликонро ҳафт водӣ дар раҳ аст,
Чун гузашт аз ҳафт водӣ, даргаҳ аст.
Ҳаст водии талаб оғози кор,
Водии ишқ аст аз он пас беканор.
Пас севум водист они маърифат,
Ҳаст чорум водӣ истиғно сифат.
Ҳаст панҷум водии тавҳиди пок,
Пас шашум водии ҳайрат, бимнок.
Ҳафтумин водии факр асту фано,
Баъд аз ин рӯйи равиш набвад туро.
Дар равиш афтӣ, равиш гум гардадат,
Гар бувад як қатра, қулзум гардадат.

Дар «Мантиқу-т-тайр» ин шаш байт бо номи «Баёни ҳафт водии сулук» омада, дар байти аввал ба ҷойи **соликонро- гуфт моро** ва дар байти чаҳорум ба ҷойи калимаи **бимнок-саъбнок** оварда шудааст, яъне иловаҳои Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ин шаш байт, агар таҳрири нусхабардор набошад, калимаҳои **соликонро**-ва **бимнок** асту халос. Боқӣ ҳама маҳсули андешаву эҷоди Аттори Нишопурианд.

Меоем ба баёни муқобалаву муқоясаи ҳафт водии сулук дар матни «Мантиқу-т-тайр»-и Аттори Нишопурӣ ва «Ҳафт водӣ»-и мансуб ба Мирсайид Алии Ҳамадонӣ.

**Аввал:** Дар баёни водии талаб.

Дар матни «Мантиқу-т-тайр» баёни ин водӣ аз 15 байт иборат буда, бо ҳикоёти ҷолиб оро ёфтааст. Дар «Ҳафт водӣ» бошад, 17 байт омада. Ин ҷо Мирсайид Алии Ҳамадонӣ илова бар 15 байти Шайх Фаридуддини Аттор ду байтро аз хулосаи «Ҳикояти хилқати Одам ва саҷда накардани шайтон ӯро», ки

яке аз ҳикояти водии талаби «Мантиқу-т-тайр» аст, илова месозад. Ва ин 17 байт бе тағйир истифодаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз «Мантиқу-т-тайр» мебошад.

**Дувум:** Дар баёни водии ишқ.

Баёни водии ишқ дар «Мантиқу-т-тайр» аз 22 байт бо ҳикоёти марбут ба водии ишқ зинатёфта иборат аст. Дар «Ҳафт водӣ» он аз 24 байт иборат мебошад. Ин ҷо низ ду байт аз ҳикояти «Олиҳимматии ошиқ ва соҳибҷамол»-и «Мантиқу-т-тайр» ба «Ҳафт водӣ» шомил карда шудааст. Ин интихобро Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз маснавии Аттори Нишопурӣ солиму комил кӯчонидааст.

**Севум:** Дар баёни водии маърифат.

Оғози баёни ин водӣ дар «Мантиқу-т-тайр» аз 33 байт иборат мебошад. Он дар «Ҳафт водӣ» бошад, 44 байт аст. Байти аввал дар «Мантиқу-т-тайр» ба таври зайл аст:

Баъд аз он бинмоядат пеши назар,
Маърифатро водии бепову сар.

Дар «Ҳафт водӣ» байти фавқ чунин омада:

Соликӣ, чун оядат пеши назар
Маърифатро водии бепову сар.

Дар ин маврид низ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ барои равшантар намудани мақсад дар интихоби худ аз ҳикоёти водии маърифат овардани 11 байтро мувофиқи матлаб донистааст.

**Чаҳорум:** Дар баёни водии истиғно.

Бахши муқаддимавии водӣ дар «Мантиқу-т-тайр» аз 25 байт иборат мебошад. Аммо дар «Ҳафт водӣ» ҳамагӣ 42 байт омада, ки 17 байти дигари он аз ҳикоёти ба ҳамин водӣ марбути «Мантиқу-т-тайр» гулчин шудаанд. Дар ин ҷо танҳо дар як байт радиф, бидуни халал ворид сохтан ба вазну маънӣ иваз шудааст. Дар матни Аттори Нишопурӣ байт ин аст:

Сад ҳазорон ҷону тан тороҷ рафт,
То Муҳаммад як шабе Меъроҷ рафт.

Дар «Ҳафт водӣ» бошад, ба ҷойи радифи **«рафт»** радифи **«ёфт»** сабт шудааст.

**Панҷум:** Дар баёни водии тавҳид.

Оғози водии тавҳид дар «Мантиқу-т-тайр» шомили 8 байт буда, дар «Ҳафт водӣ» илова бар ин 8 байти муқаддимавии маснавии Аттори Нишопурӣ боз 16 байт мувофиқи табъу майлу хоҳиши Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз ҳикояҳои дар ин водӣ омада мунтахаб шудааст.

**Шашум:** дар баёни водии ҳайрат.

Оғози ин водӣ дар «Мантиқу-т-тайр» 14 байт мебошад. Дар «Ҳафт водӣ» бошад ҷамъан 24 байт омадааст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ин ҷо 10 байтро аз маснавии Аттори Нишопурӣ интихоб намуда, сипас аз ҳикояти «Хусрав ва духтари ӯ» 6 байт ва ҳикояти «Модари гирён бахри духтар» 8 байтро, ки ҷамъан 24 байт мешаванд, шомил сохтааст. Ҳамчунон, «Ҳикояти сӯфӣ ва гум кардани калид», ки аз ҳикоёти водии ҳайрат буда, аз 14 байт иборат мебошад, бе тағйироту дигаргунӣ аз «Мантиқу-т-тайр» ба «Ҳафт водӣ» интиқол шудааст.

**Ҳафтум:** Дар баёни водии фақру фано.

Оғози баёни ин водӣ дар ҳар ду матн бо тағйиротҳои ҷузъӣ 16-байтӣ омадааст. Масалан, дар «Мантиқу-т-тайр» ин ду байтро мехонем:

Гум шудан аввал қадам, пас з-ин чӣ суд,
Лоҷарам дигар қадамро кас набуд.
Уду ҳезум чун ба оташ дар шаванд,
Ҳар ду бар як ҷой хокистар шаванд.

Ҳамин намуна дар «Ҳафт водӣ» ин тавр омадааст:

Гум шуданд аҳли қадам, ҳар кас, ки буд,
Моҷаро дигар қадам касро набуд.

Уду ҳезум чун ба як ҷо дар шавад,
Ҳар ду бар як ҷой хокистар шавад.

Аз ҳар ду намунаи оварда пайдост, ки он мансуб ба як эҷодкор ва он ҳам бошад, Фаридуддини Аттори Нишопурист, вале бо мурури замон ба ин абёт ё аз ҷониби Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ё котиби нусхаи 546-и ганҷинаи Институти шарқшиносии АУ Тоҷикистон бидуни тағйироти маънавӣ аз ҷиҳати сохт тағйироти ҷузъӣ ворид карда шудааст. Ва ин абёти дар «Ҳафт водӣ» омодаро ба ҳеч ваҷҳ наметавон маҳсули андешаву тафаккури Мирсайид Алии Ҳамадонӣ донист.

Баъди баёни водии фақру фано дар «Ҳафт водӣ»-и мансуб ба Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз ҳикоёти алоҳидаи ҷиҳати тақвияти андеша омадаи «Мантиқу-т-тайр» абёт ва порчаҳои гуногуне барои аҳдофи мазҳабӣ зарурии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ забту сабт гардидаанд.

Минҷумла, аз «Ҳикояти Сулаймон бо мӯр», ки дар қисмати маҷлису машварати мурғон барои ба сафари дидор бо Офаридгор баромадан омадааст, ин абёт мунтахаб гардида:

Вопасин хиште, ки пайвандад ба хок,
Мунқатеъ гардад умед аз ҷони пок.
Пас бипӯшад хишти охир рӯйи ман,
Ту магардон рӯйи фазл аз сӯйи ман.
Чун ба хок орам мани саргашта рӯй,
Ҳеч бо рӯям маёр аз ҳеч рӯй.

Ва ё ин байт аз «Ҳикояти Шайх Абӯсаъид» ба қисмати хотимавии «Ҳафт водӣ» дохил карда шудааст:

Чун ҷавонмардии халқи оламе,
Ҳаст аз дарёи фазлат шабнаме,

ки он ҳам дар боби машварати мурғон барои рахти сафар бастан ба даргоҳи Офаридгор ҷой дорад. Ҳамин тавр, ин абёти гулчин аз «Мантиқу-т-тайр» ба қисми хотимавии «Ҳафт водӣ» беш аз 100 байтро ташкил мекунад, ки муқобала ва муқоясаи он кори саҳл набуд. Дуруст аст, ки дар ин абёт ҳам баъзе калимаву ибора ва ё радифҳо, бе он ки ба сохту муҳтаво халале ворид сохта бошанд, омадаанд ва ин аз равияи маъмулии нусхабардории фарҳанги мо диниста мешавад.

Ин гӯву магӯҳо бар рағми онҳое, ки «Ҳафт водӣ»-ро имрӯз маҳсули завқу эҷоди Мирсайид Алии Ҳамадонӣ донистаанд, баёнгари онанд, ки маснавии фавқуззикри мансуб ба Шоҳи Ҳамадон мунтахабе аз маснавиҳои «Мусибатнома» ва «Мантиқу-т-тайр»-и Фаридуддин Аттори Нишопурӣ беш набудааст.

Баъди овардани ин муқояса, ки ҳар ду матн айни як чиз аст, рӯй меорем ба анъана ва суннатҳои устувору навпардозиҳои эҷодкор дар заминаҳои гуфтаҳову суфтаҳои адабӣ. Таърихи адабиёти мо анъанаи мактаби «Шоҳнома»-сароӣ, «Хамса»-сароӣ ва назираву татаббӯъу пайравӣ ба анвоъи хурди лирикиро дорад. Дар ин замина, ки роҷеъ ба он корҳои мутааддиди ҷолибе анҷом ёфтаанд, агар ба «Мантиқу-т-тайр» ва «Ҳафт водӣ» таваҷҷуҳ намоем, «Ҳафт водӣ» ба ҳеҷ як аз қолабҳои болоӣ намеғунҷад. Ва ҳар чӣ гӯянду нагӯянд, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ «Мантиқу-т-тайр»-ро таври фушурдаи рӯйбардорнамуда барои амалӣ гардонидани ақоиди волои мазҳабии худ ва ташвиқи осори тасаввуфӣ бар манфиати баннӣ-башар ва тарбияи Инсони комил мавриди истифода қарор додаст. Ин шахсияти мазҳабӣ ба ин нияту мақсад аз тамоми осори Аттори Нишопурӣ, навиштаҳои Муҳаммад Ғаззолӣ, эҷодиёти Саъдиву Саноиву Ҳофиз, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно зиёду манфиъатбахш истифода кардааст. Пас меоем ба хулосаҳои зайл:

1. «Ҳафт водӣ»-и мансуб ба Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мунтахаби маснавиҳои «Мантиқу-тайр» ва «Мусибатнома»-и Фаридуддин Аттори Нишопурӣ буда, Шоҳи Ҳамадон онро бо мақсади дар байни ҷомеъа баён намудани андешаву

ақойиди мазҳабии худ ба дафтари мусаввадааш кӯчонида, дар ҳамин замина дар байни мардум вазъ мегуфтааст.

2. Ҳамин дафтари мусаввада дар қатори мусаввадаҳои дигари Шоҳи Ҳамадон баъдтар аз ҷониби шогирдон ё котибон ҷамъоварӣ шуда, «Куллиёт»-и мавсуф мураттаб карда шудааст ва ишон аз моли Аттори Нишопурӣ будани «Ҳафт водӣ» шояд огоҳӣ надоштаанд.

3. «Ихтиёроти Амирия», ки дар дастхатҳои Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбакистон, ба номи Абӯрайҳони Берунӣ таҳти рақами 9012 ва «Ҳафт водӣ», ки дар дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар «Куллиёт»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ таҳти рақами 546 (варақҳои 378б-395а) маҳфуз аст, баъди фавти Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, дар қарнҳои XVI-XVII китобат шудаанд. Ин санаҳо баёнгари онанд, ки дафтари мусаввадаи «Ҳафт водӣ» бидуни муқобалаву муқояса бо осори пешиниёни мутафаккир ба Мирсайид Алии Ҳамадонӣ нисбат дода шудааст.

4. Ҳамин аст, ки муҳаққиқони баъдинаи рӯзгору осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки дар ин ҷо зикрашон рафт, бе омӯзишу пажӯҳиши ҳамаҷониба, дар асоси нусахи мавҷудаи қаламии осори Шоҳи Ҳамадон «Ҳафт водӣ»-ро саҳван ба ӯ мансуб дониста, ҳатто онро то ҷойе мавриди таҳқиқу тадқиқ қарор додаанд. Пеши роҳи ин иштибоҳ тавассути ҳамадонишиносон бояд ҳар чӣ зудтар гирифта шавад, то баъдинагон низ дар ғафлат намонанд.

5. Бояд тамоми осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки мансуб ба ӯ дониста шудааст, аз ҳамин нуқтаи назари матншиносӣ баррасӣ ва бо таҷдиди назар дақиқан интишор дода шаваду дастраси аҳли илм ва ниёзмандон гардад. Зеро рубоии зерро, ки дар ҷилди аввали «Осори мунтахаб»-и Шоҳи Ҳамадон омадааст, ба чанд тан аз суханварони мутасаввиф, минҷумла Абдуллоҳи Ансорӣ нисбат медиҳанд:

Айбест баланд баркашидан худро
В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.
Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,
Дидан ҳама касрову надидан худро.

Ё худ ҷо-ҷойе аз «Захирату-л-мулук» «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғаззолиро ба ёд меорад, ки ин ҳама ниёз ба равшаниандозӣ доранд..

Ба иштибоҳ роҳ додани ин ҳамадонишиносон аз чӣ сар задааст? Ин пеш аз ҳама огоҳ набудани онон аз таърихи маснависароии адабиёти форс-тоҷик, бахусус маснавиҳои ирфонӣ мебошад. Дигар ин ки Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз осори Аттори Нишопурӣ, аз ҷумла «Мантиқу-т-тайр» ва «Мусибатнома»-и ӯ абётро аз ҷо-ҷойи ин маснавиҳо интихобан гирифтааст, ки агар ин ҳамадонишиносон майли муқобалаву муқояса намудани «Ҳафт водӣ» ва «Мантиқу-т-тайр»-ро карда бошанд ҳам, хеле сарсарӣ ва шитобзада дар ин кор будаанд. Минбаъд, аз ҳамин нигоҳ ба чиҳил ғазали Шоҳи Ҳамадон низ бояд таваҷҷуҳи алоҳида равад.

Билохира, «Ҳафт водӣ»-ро ба Мирсайид Алии Ҳамадонӣ нисбат додан ин нороҳат намудани рӯҳи поки ин шахсияти дар навбати аввал мазҳабӣ мебошад.

Ин буд чанд андешаи мо атрофии «Ҳафт водӣ»-и мансуб ба Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ва муаллифи аслии он. Умеди он дорем, ки ин андешаҳои муқаддимотӣ дар ҳамадонишиносӣ гардиши мусбате бор хоҳад овард.

**Адабиёт**


1. Абдулҳусайни Навоӣ. Ҳабибу-с-сияр:- Теҳрон, 1323. –С. 63
2. Анвори дониш, 1995, №11-12; китоби ёдшуда. –С.11
3. Каримҷон Қодиров, Бунёдгари маорифи сӯфиёнаи Хатлонзамин.- Кӯлоб: Сада, 1995
4. Каримҷон Қодиров, Бунёдгари маорифи сӯфиёнаи Хатлонзамин.- Кӯлоб: Сада, 1995, -С.11-12

5. Мантиқу-т-тайр. Ба эҳтимоми дуктур Аҳмади Ранҷбар.- Теҳрон, 1339.
6. Маҳдии Дурахшон. Бузургон ва сухансароёни Ҳамадон, Теҳрон, 1341. –С.83-90
7. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб, ч.1. -Душанбе: Ирфон, 1994. –С.32
8. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ Осри мунтахаб, ч.1. –С.34
9. Муҳаммад Риёз. Аҳволу осор ва ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. -Душанбе: Ирфон, 1995. – с.
10. Осори мунтахаб. ч.1. –С.34
11. Парвези Азкоӣ. Аҳвол ва осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. - Ҳамадон: Интишороти «Рӯшан», 1370. –С.115
12. Рӯзномаи «Анвори дониш» 1.09.1995, №11-12. –С.2
13. Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ. Мусибатнома. Ба эҳтимом ва тасҳеҳи дуктур Нуронии Висол. Интишороти «Заввор», 1373. –С.1. Фаридуддини Аттор. Пандномa. Футувватнома. Ҳикоёт аз маснавиҳо. Таҳияву тадвини матн бо муқаддимаи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. –Душанбе, «Маориф ва фарҳанг».

**ХУРОСОНӢ А.М.**

## ПРИНАДЛЕЖИТЬ ЛИ МЕСНЕВИ «ХАФТ ВОДИ» («СЕМЬ ПРОВИНЦИЙ») МИРСАЙИДУ АЛИ ХАМАДАНИ?

В таджикской хамаданиведении автора месневи «Хафт води» приписивают Мирсайид Али Хамадани и его составителью. Автор статьи на основе изучения первоисточников, сопоставления и сверки текста «Хафт води» с месневи «Мантик ат – тайр» и «Мусибат – наме» Фариддудина Аттора Нишапури, критических исследований других авторов приходит к важному научному выводу о том, что указанное месневи является на самом деле извлечением и заимствованием двух указанных месневи Шейха Аттора, предпринятой ради достижения и пропаганда религиозных целей. На основе неопровержимых доказательност автор статьи призывает ученных хамаданиведов подходит более ответственно к оценке текста первоисточников и их содержания.

**Ключевые слова:** месневи, «Ҳафи води», Мирсайид Али Хамадани, Шейх Аттор, «Мантик ат – тайр», «Мусибат – наме», религиозных целей.

**HUROSONI A.M.**

## ON THE PROBLEM OF IT “HAFT WODI” BELONDS TO M.S.HAMADANI’S

In the wjrks of tajik scholars is said that «Haft vodi» (Seven Valleys) belonds to Mirsayid Ali Hamadani.

Based on different texts of Attar and comparini theen the author of the article cjmes conelusion that the abovementioned work is takeu fom A.Har’s «Mantiq – at – tayr» and»Musibat - name».

**Key words:** masnavi «Haft vodi», Hamadani, Sheikh Attor, religions purpose.